Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-044 назди Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (734003, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33)

**ТАҚРИЗИ**

**муқаррizi расмӣ ба диссертатсияи Изатуллозода Пайрави Нусратулло дар мавзуи «Вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.14 – Ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст.**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илм, ки аз рӯйи он диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Диссертатсияи Изатуллозода Пайрави Нусратулло дар мавзуи «Вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ пешниҳод гардидааст, бо шиносномаи ихтисоси 12.00.14 – Ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 апрели соли 2022, №128/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мутобиқ мебошад.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Дар раванди баамалбарории ислоҳоти маъмурӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ба ислоҳоти куллӣ фаро гирифта шуда, дар натиҷаи он мақомоти гуногуни давлатӣ таъсис ва қисмате аз мақомоти мавҷуда барҳам дода шуданд. Яке аз мақомоте, ки дар натиҷаи ислоҳоти маъмурӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил гардидаанд, ин мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд. Мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон асосан аз пайдоиш ва ташаккули ниҳоди президентӣ дар кишвар вобастагӣ дошта, дар ташкил ва фаъолияти мақомоти мазкур нақши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон назаррас мебошад.

Дар шароити муосир ҷойгоҳ ва нақши мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми мақомоти идоракунии давлатӣ аз ҳар ҷиҳат меафзояд, чунки вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти мазкур давра ба давра рушд ва такмил ёфта, аҳаммияти онҳо дар иҷрои вазифа ва функсияҳои идоракунии давлатӣ ва мусоидат ба амалишавии рисолати ҳокимияти иҷроия дар низоми ҳокимияти давлатӣ афзун гардидааст.

Таҷрибаи фаъолияти мақомоти зикршуда шаҳодат медиҳад, ки онҳо дар таъмини амалисозии самараноки ваколатҳои худ оид ба хизматрасонии давлатӣ, ҳуқуқтатбиққунӣ, ҳуқуқмуҳофизавӣ, контрол ва назорат ва дигар функсияҳои идоракунии давлатӣ нақши муассир доранд. Бо назардошти хусусиятҳои хосса ва вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии худ мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз мақомоти дигари иҷроияи ҳокимияти давлатӣ фарқ мекунанд. Аз ин рӯ, таҳқиқи вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти мазкур барои ҳалли як қатор масъалаҳои аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дошта, аз ҷумла мафҳум ва хусусият, даврaҳои ташаккули мақомоти мазкур, такмили асосҳои ҳуқуқии танзими фаъолият, шаклу усулҳои амалисозии вазифа ва функсияҳои мақомоти мазкур, ҳамзамон муайян намудани ҷойи мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ метавонад мусоидат намояд.

Диссертатсияи Изатуллозода П.Н. аз феҳристи ихтисорот, муқаддима, ду боб, ҳафт зербоб, хулоса, тавсияҳои амалӣ, рӯйхати адабиёт ва феҳристи интишороти муҳаққиқ вобаста ба таҳқиқоти диссертатсионӣ иборат мебошад, ки ба мақсад, вазифа ва пайдарҳамии мантиқии таҳқиқот мутобиқат менамояд.

Дар **муқаддима** мубрамии мавзуи таҳқиқот асоснок карда шуда, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барнома ва мавзуи илмӣ, мақсад, вазифа, объекти таҳқиқот, мавзуи таҳқиқот, асосҳои методологии таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва амалии таҳқиқот муайян карда шуда, тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот, саҳми шахсии довталаб ва сохтори диссертатсия пешбинӣ гардидааст.

Боби якуми диссертатсия **“Асосҳои назариявӣ ва ташкилии вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон”** ном дошта, аз чор зербоб иборат мебошад. Дар зербоби аввали боби якуми диссертатсия – **“Мафҳум, хусусиятҳо ва мавқеи мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун субъекти ҳокимияти иҷроия”** ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии вазъи ҳуқуқии мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил гардида, бо назардошти таҷрибаи кишвар аз ҷониби муаллиф ду гурӯҳи мақомоти наздипрезидентӣ ҷудо карда шудаанд: а) мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон; б) мақомоти маслиҳатӣ ва машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Муаллиф хусусиятҳои ин ду гурӯҳи мақомоти наздипрезидентиро ошкор намуда, қайд намудааст, ки таҳқиқоти мазкур танҳо гурӯҳи аввали мақомоти наздипрезидентиро фаро мегирад. Бо ин назардошт, мафҳум ва хусусиятҳои мақомоти назди

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шудаанд, ки аҳаммияти муҳимми назариявӣ ва амалӣ доранд. Қисмати дигари зербоби мазкур ба мавқеи мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ бахшида шуда, бо таҳлили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва хусусиятҳои фаъолияти мақомоти мазкур таносуби мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақомоти дигари иҷроияи ҳокимияти давлатӣ гузаронида шуда, вобаста ба мавқеи мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таклифу пешниҳодҳои зарурӣ аз ҷониби муаллиф манзур гардидаанд. Дар зербоби дуюми боби якуми диссертатсия – **“Ташаккули мақомоти наздипрезидентӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”** ҷанбаҳои таърихии ташаккули мақомоти мазкур дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил гардидааст. Муаллиф мавҷудияти мақомоти мазкурро аз мавҷудияти ниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста муаллиф дониста, бо назардошти ислоҳоти идораи давлатӣ, қабули стратегия ва барномаҳои давлатӣ марҳилаҳои ташаккули мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба се давраи асосӣ: 1) аз соли 2002 то соли 2006; 2) аз соли 2006 то соли 2013; 3) аз соли 2013 то инҷониб ҷудо намудааст. Қобили қайд аст, ки таҳлили марҳилаҳои ташаккули мақомоти мазкур дар асоси давраҳои ҷудокардашуда сурат гирифтааст. Зербоби сеюми боби якуми диссертатсия **“Шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон”** ном дошта, дар он аҳаммият ва моҳияти шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлилу баррасӣ гардидааст. Муаллиф вобаста ба алоқамандии шакли ташкилӣ-ҳуқуқӣ ва функсияи мақомоти мазкур махсус хулосагирӣ намуда, таклифҳои зарурииро бо мақсади такмили шакли ташкилӣ-ҳуқуқии мақомоти мазкур манзур намудааст. Дар раванди таҳлили зербоби мазкур муаллиф таснифоти мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо назардошти хусусиятҳои хоси онҳо пешкаш намудааст, ки аҳаммияти муҳимми назариявӣ ва амалӣ дорад. Зербоби чоруми боби якуми диссертатсия ба **“Ташаккул ва рушди танзими меъёрӣ-ҳуқуқии таъсис ва фаъолияти мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон”** бахшида шудааст. Дар зербоби мазкур асосҳои ҳуқуқии таъсис ва фаъолияти мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон гурӯҳбандӣ ва таҳлил гардидаанд. Муаллиф муқаррароти қонунгузорӣ ва фаъолияти мақомоти мазкурро таҳлил намуда, барои рушди қонунгузории кишвар таклифу пешниҳодҳои асоснокро манзур намудааст.

Боби дуюми диссертатсия **“Мазмуни вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон”** ном дошта, се зербобро дар бар мегирад. Зербоби якуми боби дуюми диссертатсия **“Моҳияти вазъи маъмурӣ ҳуқуқии мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон”** ном гирифта, дар он мафҳум ва унсурҳои вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлилу баррасӣ гардидааст. Аз ҷумла, муаллиф қайд менамояд, ки “вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – ин мақсад, вазифа, функсия, маҷмуи салоҳият ва унсурҳои сохторӣ-ташкилии мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро меноманд, ки бо меъёрҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ муқаррар гардида, асоси ташкил ва баамалбарории фаъолияти ин мақомотро дар низоми идоракунии давлатӣ ташкил медиҳанд”. Зербоби якуми боби дуюм масъалаи нисбатан васеъро дар бар гирифта, дар он вазифа, мақсад, функсия (ҳуқуқэҷодкунӣ, ҳуқуқмуҳофизавӣ, назоратӣ, хизматрасонии давлатӣ) ва салоҳияти мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил гардидааст. Дар натиҷаи таҳлил муаллиф ба хулоса омадааст, ки бо назардошти гуногунии салоҳият ва функсияи мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон метавон мақомоти мазкурро мақомоти салоҳияти омехтадошта эътироф намуд. Зербоби дуюми боби дуюми диссертатсия ба масъалаи **“Тарзҳои амалишавии вазифа ва функсияҳои мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон”** бахшида шуда, тарзҳои амалисозии вазифа ва функсияҳои мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби муаллиф ҳамчун тарзу воситаҳое пешниҳод гардидааст, ки истифодаи онҳо барои амалӣ гардидани шаклҳои амалисозии фаъолияти маъмурии мақомоти мазкур мусоидат менамоянд. Зимнан, тасниф ва гурӯҳбандии тарзҳои амалӣ гардидани вазифа ва функсияҳои мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода шуда, таҷрибаи татбиқи амалии онҳо аз ҷониби муаллиф пешкаш карда шудаанд. Зербоби сеюми боби дуюми диссертатсия **“Самтҳои асосии такмили вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон”** ном гирифтааст. Муаллиф бо омӯзиши ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон самтҳои асосии такмили вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти мазкурро чунин *пешкаш* менамояд: 1) Такмили асосҳои ҳуқуқӣ ва вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон; 2) Такмили мавқеи мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми мақомоти идоракунии давлатии (мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ)

Ҷумҳурии Тоҷикистон; 3) Такмили шакли ташкилӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон; 4) Такмили сохтории мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Ҳамин тариқ, дар натиҷаи омӯзиши ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муаллиф як катор **хулосаҳои илмӣ** ва **тавсияҳои амалиро** манзур намудааст, ки онҳо аз мазмуну моҳияти вазифаҳои гузошташуда бармеоянд.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод шудаанд.** Таҳқиқоти диссертатсионии Изатуллозода П.Н. дар муҳити илми ҳуқуқшиносии ватанӣ аз зумраи нахустин таҳқиқоти мукаммали диссертатсионӣ вобаста ба вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки дар он ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии мавзуи мавриди назар баррасӣ гардидаанд. Диссертант вазифаҳои барои таҳқиқот гузошташударо тавассути нуктаҳои илмӣ ва амалии ба ҳимоя пешниҳоднамудааш пурра инъикос намуда, ҷиҳати расидан ба мақсадҳои гузошташуда диссертант аз адабиёти илмӣ, қонунгузории ватанӣ ва давлатҳои хориҷӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ ва таҷрибаи фаъолияти мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода намудааст. Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодгардида фарогири паҳлуҳои назарӣ ва амалии мавзуи таҳқиқшаванда буда, дар маҷмуъ навгонии таҳқиқоти диссертатсиониро ташкил медиҳанд. Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодгардида, ҷанбаҳои назариявӣ, таърихӣ ва амалии вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро фаро гирифтаанд, ки вазифа ва мақсадҳои таҳқиқоти диссертатсиониро таҷассум менамоянд. Бо назардошти мазмуни ва хусусияти нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳоднамудаи диссертант, онҳоро ба чунин гурӯҳҳо ҷудо намудан мумкин аст:

– навгониҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ, яъне дар диссертатсия ташаккули мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон баъд аз ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ таҳқиқ гардида, марҳилаҳои ташаккули он аз ҷониби диссертант пешкаш гардида, нақш ва аҳаммияти ҳар яке аз марҳилаҳо ба таври пурра таҳлил гардидаанд;

– навгониҳои назарӣ-ҳуқуқӣ, яъне дар заминаи он муаллиф маҳуми мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти салоҳияти омехтадошта, ҳамзамон мафҳуми шакли ташкилӣ-ҳуқуқии агентӣ ва хадамоти давлатиро пешниҳод намудааст, ки аҳаммияти муҳимми илмӣ-назариявӣ доранд;

– навгониҳои амалӣ-ҳуқуқӣ, ки дар заминаи он муаллиф як қатор тавсияҳои амалии илман асосноки худро пешниҳод намудааст, ки барои такмили қонунгузорӣ ва вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд мусоидат намоянд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Қайд намудан зарур аст, ки асоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот ба таҳлили воқеъбинона ва ҳаматарафаи пажуҳиши назарӣ ва амалии марбут ба паҳлуҳои гуногуни вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳлили натиҷаҳо ва хулосаҳои дар илм пазируфташуда, мафҳумҳо, ақидаҳо ва тавсияҳои назарию амалии муаллиф, нуктаҳои илмии таҳқиқот ва тавсияҳо, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории миллӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ ва таҷрибаи давлатҳои алоҳида, таҳқиқи ҳолати кунунӣ, дурнамо ва самтҳои такмили вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, асос меёбанд.

**Аҳаммияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионии Изатуллозода П.Н. аҳаммияти баланди илмӣ ва амалӣ дорад, зеро масъалаҳои дар он матраҳгардида, андешаҳои пешниҳодгардида ва хулосаву тавсияҳои манзургардида, барои такмили қонунгузорӣ ва рушди илми ҳуқуқи маъмурии ватанӣ метавонанд мусоидат намоянд. Дар баробари ин, маводи таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонад ҳамчун сарчашмаи илмӣ барои пажуҳишгарон ва муҳаққиқони соҳа баромад намояд. Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ имкон медиҳанд, ки мафҳум ва хусусияти мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, давраҳои ташаккул ва мавқеи мақомоти мазкур дар низоми мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии кишвар, тарзу усулҳои амалӣ намудани вазифа ва функсияи мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва самтҳои такмили минбаъдаи вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти мазкур муайян карда шаванд. Қайд намудан зарур аст, ки нуктаҳои илмӣ ва пешниҳодҳои амалие, ки дар рисола манзур гардидаанд, метавонанд дар ташаккул ва таҷдиди қонунгузории соҳа, такмили сохтор ва салоҳияти мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамзамон рушди илми ҳуқуқи маъмурӣ ва таълими он дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ саҳмгузор бошанд. Инчунин, натиҷаҳои рисоларо дар таълими фанҳои "Ҳуқуқи маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон", "Низоми мақомоти идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва "Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон", ҳамзамон, рисоларо ҳамчун

маводи илмӣ ва таълимӣ дар донишгоҳҳои олии касбӣ ва курсҳои такмили ихтисос метавон ба роҳ монд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои такризшавандаи илмӣ.** Доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он унвонҷу 12 мақолаҳои илмӣ ба нашр расонидааст, аз ҷумла 5 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 7 мақола дар нашрияҳои дигар нашр гардидаанд. Зикр намудан ба маврид аст, ки теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, тахти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои амалии муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Автореферат ва корҳое илмие, ки дар мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ рӯйи чоп омадаанд, мазмуну моҳияти рисолаи илмиро ба таври зарурӣ инъикос менамоянд.

**Масъалаҳои баҳснок дар таҳқиқот.** Диссертатсияи Изатуллозода П.Н. дар баробари муваффақиятҳо, инчунин баъзе масъалаҳоеро дар худ ҷой додааст, ки  аз нигоҳи илмӣ баҳснок мебошанд ва онҳоро ба таври зерин нишон додан мумкин аст:

1. Диссертант дар зербоби дуюми боби якум ташаккули мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намуда, марҳилаҳои ташаккули мақомоти мазкурро чунин ҷудо менамояд: “1) аз соли 2002 то соли 2006 – дар ин давра бо қабул гардидани фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи системаи мақомоти марказии ҳокимияти иҷроияи Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 4 июли соли 2002, №853 бори аввал дар низоми мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ “мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон” ҳамчун мақомоти тобеъ ва ҳисоботдиҳанда ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд; 2) аз соли 2006 то соли 2013 – ин давра бо қабули “Стратегияи ислоҳоти системаи идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 15 марти соли 2006, №1713 оғоз мегардад. Бо мақсади амалӣ гардидани ҳадафҳои Стратегияи мазкур фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи такмили сохтори мақомоти марказии ҳокимияти иҷроияи Ҷумҳурии Тоҷикистон” 30 ноябри соли 2006, №9 қабул шуд, ки боиси барҳам додани қисми зиёди мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ гардид. Минбаъд, бо ворид намудани тағйиру иловаҳо ба фармони мазкур дар низоми мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти алоҳидаи иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ташкил гардиданд. Санади дигаре, ки дар ин давра қабул гардид ва то имрӯз дар танзими

вазъи ҳуқуқии мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши муҳим мебозад, ин Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи низоми мақомоти идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 16 апрели соли 2012, №828 мебошад. Аз ин лиҳоз, давраи дуюми ташаккули мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро давраи васеъ ва муҳимми рушди мақомоти мазкур эътироф намудан мумкин аст; 3) аз соли 2013 то инҷониб – даврае, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути фармони худ “Дар бораи сохтори мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 19 ноябри соли 2013, №12 низоми нави мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро муқаррар намудааст ва то ба ҳол такмили ин низом идома дорад” (саҳ. 78-79).

Аз диссертант пурсида мешавад, ки дар бораи ҳар як марҳила мухтасар маълумот пешниҳод намояд. Зеро, тавре маълум мегардад, ки марҳилаҳои ташаккули мақомоти мазкур давраҳои тулониро фаро нагирифта, дар муддати кӯтоҳ марҳилаҳои навбатӣ шурӯъ гардидаанд.

2. Диссертант дар тавсияи панҷуми ба ҳимоя пешниҳодшуда қайд менамояд, ки “барои дар ин ё он шакли ташкилӣ-ҳуқуқӣ таъсис дода шудани мақомоти давлатӣ функсия ва таъйиноти мақомот нақши асосӣ мебозанд. Аз мавқеи олимон дар адабиёти ҳуқуқӣ ва таҷрибаи қонунгузории давлатҳои хориҷӣ маълум мегардад, ки мақомоти функсияи назоратӣ дошта, дар шакли “хадамот” ташкил карда мешаванд. Дар низоми мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоте мавҷуд мебошад, ки функсияи онҳо ба шакли ташкилӣ-ҳуқуқиашон мувофиқат наменамоянд. Аз ин лиҳоз, пешниҳод мегардад, ки мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки амаликунандаи назорати давлатӣ мебошанд – Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шакли ташкилии “хадамот” табдил дода шаванд”. Дар ҷараёни ҳимоя хуб мешуд, ки муаллиф ин пешниҳоди худро пурра асоснок мекард.

3. Муаллиф дар тавсияи амалии ҳаштум, ки ба ҳимоя пешниҳод гардидааст, қайд менамояд, ки “Мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоботдиҳанда мебошанд. Дар зербанди “в” банди 23 Низомномаи Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардидааст, ки Агентӣ “соле ду маротиба (20 июли соли ҳисоботӣ ва 20 январи соли оянда) ба мақомоти омор ҳисоботи ҷамъбастӣ пешниҳод менамояд”.

Пешниҳоди ҳисобот аз ҷониби Агентии мазкур ба мақомоти омор – Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар як зинаи ҳуқуқӣ қарор доранд, тобеияти якуминро ба охирин ифода мекунад. Бинобар ин, мувофиқи мақсад ҳисобида мешавад, ки дар зербанди "в" б. 23 Низомномаи Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррароти "соле ду маротиба (20 июли соли ҳисоботӣ ва 20 январи соли оянда)" ба ифодаи "соле ду маротиба (20 июли соли ҳисоботӣ ва 20 январи соли оянда) ба мақомоти омор маълумоти ҷамъбастии оморӣ пешниҳод менамояд" иваз карда шавад".

Таклифи мазкур аз як тараф дуруст мебошад. Лекин ба ақидаи мо, ҳисоботе, ки Агентии хизмати давлати назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд, маънои тобеияти онро надорад. Аз ин рӯ, масъалаи мазкур баҳснок арзёбӣ мегардад.

Мулоҳизаҳое, ки қайд гардиданд, дар умум, ҳангоми баҳодиҳии мусбати таҳқиқоти диссертатсионӣ нақши муайянкунандаро намебозанд ва танҳо шаҳодати он мебошанд, ки масъалаҳои баррасишаванда хеле муҳим буда, мураккаб ва баҳсноканд ва муаллиф дар ҳалли баъзе масъалаҳо дар натиҷаи омӯзиши сарчашмаҳои ҳуқуқӣ, адабиёти соҳавӣ ва баҳодиҳии ақидаҳои олимони гуногун нуқтаи назари муаллифии худро пешниҳод намудааст, ки ин хоси гузаронидани чунин таҳқиқоти илмӣ мебошад. Мазмуни диссертатсия аз кофӣ будани пуррагии баёни мазмун ва навгонии илмӣ доштани он шаҳодат медиҳад. Муаллиф аз натиҷагириҳо хулосаҳои худро баён намудааст, ки онҳо метавонанд барои илми ҳуқуқи маъмурӣ саҳми сазовори худро гузоранд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Изатуллозода П.Н. ба талаботи банди 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Хулоса, рисолаи диссертатсионии Изатуллозода Пайрави Нусратулло ба талаботҳо оид ба корҳои диссертатсионӣ дар мавриди дарёфти дараҷаи илмии номзади илм мувофиқ буда, муаллифи он сазовори ноил гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.14. – Ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
муовини аввал, муовини директори
иҷроия оид ба илм, инноватсия ва
муносибатҳои байналмилалии
филиали Донишгоҳи давлатии Москва
ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Диноршоҳ А.М.

Имзои А.М. Диноршоҳро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи сиёсати кадрӣ ва корҳои
махсуси филиали Донишгоҳи давлатии Москва
ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе Шариф С.М.

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, Филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе, 734003, кӯчаи Бохтар 35/1. тел: +992372219941. E-mail: info@msu.tj; https://msu.tj

«01» 04 2023 с.